**"ТАСДИҚ МЕКУНАМ"**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба
номи Сотим Улуғзода, доктори
илмҳои филология, профессор
_________ Гулназарзода Ж. Б.
«16» апрели соли 2024 с.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи номзадии Алиева Ҷамила Файзовна дар мавзуи "Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи номзадии Алиева Ҷамила Файзовна дар мавзуи "Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ" таҳқиқоти илмии бaанҷомёфта ба шумор рафта, ба саҳми устод С.Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ бахшида шудааст. Муҳтавои кори диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ навишта шуда, пурра ба он мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Мусаллам аст, ки осори бадеӣ ба забони тоҷикӣ таърихи тулонӣ дошта, дорои бисёр ёдгориҳои оламгиру беназири таърихист. Таҳрири матни асар низ дар ҳама даврони инкишофи забонамон яке аз роҳҳои тозакориҳо дар риштаи суханшиносии тоҷик ба шумор меравад.

Унвонҷӯ, Ҷамила Файзовна дар заминаи омӯзишу таҳлили асарҳои назарии донишмандони ватанию хориҷӣ асосҳои назариявию амалии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, маводи таҳқиқшавандаро дар асоси усулҳои муосири забоншиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Бешак, устод С.Айниро саромади таҳрири бадеии забони адабии муосири тоҷик низ номидан мумкин аст. Зеро як қисми муҳимми фаъолияти адабии устод С. Айниро кори пурмашаққат ва бурдборонаи муҳаррирӣ ташкил медиҳад. Устод Айнӣ дар суҳбатҳо, мақолаҳо ва дар номаҳояш ба адибон мунтазам аз бурду бохти муҳарририи хеш иброз медошт. Бояд гуфт, ки

фаъолияти муҳарририи устод Айнӣ аз солҳои аввали зиндагиаш дар Самарқанд оғоз гардида, то охири умри бобаракати хеш идома меёбад. Устод С. Айнӣ ба фаъолияти муҳаррирӣ таваҷҷуҳи бештар мекард ва дар давоми умри худ ба ин пеша мунтазам, бо рағбат ва бо масъулияти тамом муносибат мекард. Ба қавли А. Неъматуллоев «Аввалин сармуҳаррири нашриёти Тоҷикистон» устод С. Айнӣ мебошад.

Ба назари мо доир ба осори устод Айнӣ дар риштаи суханшиносӣ нисбат ба дигар адибон бештар асару мақола ва рисолаҳои илмӣ таҳқиқ шудааст. Сухани нав гуфтан дар ин самт кори содаву саҳл нест, вале Алиева Ҷамила Файзовна вобаста ба тавони имкони хеш доир ба нақши устод С. Айнӣ дар таҳрири асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ аз уҳдаи навиштани рисолаи илмӣ ба хубӣ баромадааст.

Мусаллам аст, ки таҳрир, аз ҷумла таҳрири адабӣ, як соҳаи муҳимми илми китобшиносӣ буда, дар ҳаёти фарҳангӣ ва адабии халқ мавқеи намоён дорад ва баробари афзоиши табъу нашри китоб ниёзмандӣ ба талаботи ҷомеа боз ҳам бештар мегардад. Бояд гуфт, ки таҳрири адабӣ, азбаски чопи китоб ва дигар маводи табъро аз лиҳози илмҳои суханшиносӣ доварӣ мекунад, бештар ба соҳаҳои забону адабиёт ва публитсистика иртиботи комил дорад.

**Мубрамии таҳқиқи** мазкур, дар он низ зоҳир мегардад, ки дар адабиётшиносии тоҷик фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ мавриди омӯзишу таҳлилу таҷзияи васеъ қарор гирифтааст, аммо услуби устод Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ ба таври густурда мавриди таҳқиқи мукаммал қарор дода нашудааст. Кори муҳаррирӣ барои устод Айнӣ танҳо як соҳаи фаъолият нест, балки ифодагари ҳунару истеъдоди нависандагии ӯ низ ба шумор меравад.

Асосу бунёди назарӣ ва методологии диссертатсияи мазкурро таълифоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба монанди Р. Ҳошим, А. Насриддинов, А. Сайфуллоев, К. Айнӣ, Х. Отахонова, М. Шакурӣ, А. Кӯчарзода, Б. Камолиддинов, М.Р. Ҷӯраева, И. Брагинский, В.В. Виноградов, А. Н. Болдирев, А.В. Абрамович, Э.А. Лазаревич, И.Б. Голуб, И.А. Жарков, А.Н. Жилин, Э.А. Милчин ва дигарон ташкил медиҳад.

Маврид ба зикр аст, ки адабиётшиносон А. Сайфуллоев дар боби VII китоби “Мактаби Айнӣ” оид ба фаъолияти муҳарририи устод С. Айнӣ маълумот медиҳад. Профессор Аламхон Кӯчарзода дар самти шиносонидани фаъолияти муҳарририи устод Садриддин Айнӣ ва вижагиҳои кори ӯ асари алоҳидае таҳти унвони “Таҳрири адабӣ ва фаъолияти муҳарририи С. Айнӣ” ба нашр расонидааст. Ба ҳамин монанд боз чандин асару мақолаҳоро метавон ном бурд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки ки бори нахуст фаъолияти муҳарририи устод дар заминаи осори классикони адабиёти тоҷик, меъёрҳои забони тоҷикӣ, вижагиҳои забони тарҷумаи осори адабӣ, ҷузъиёти кори Садриддин Айнӣ дар таҳрири осораш, муносибати устод бо осори адибони муосир таҳлилу арзёбӣ шудааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки он дар рушди минбаъдаи коркарди ҷанбаҳои назариявии кори муҳаррирӣ саҳм мегузорад ва ин имконият медиҳад, ки усули мазкур дар омӯзиши эҷодиёти нависандагон ҳангоми ба низом даровардани мавод истифода шавад. Ғайр аз ин маводи диссертатсияро метавон зимни омӯзишу мавзуи кори муҳаррирӣ, тадвину таҳияи курси лексияҳо роҷеъ ба «Таҳрири адабӣ», «Хусусиятҳои таҳрири осори адабӣ», «Таҳрир ва матншиносӣ» ва ғ. мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои ба дастомада метавонанд зимни таҳқиқи эҷодиёти нависандагони алоҳида ба кор бурда шаванд.

Муҳаррири риштаи суханшиносӣ бояд бо асосҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, китобшиносӣ ошно бошад, то ин ки дар тарзҳои мантиқии таҳлили илмии осори бадеӣ маҳорату малака пайдо намояд. Бояд гуфт, ки нақши танқиди адабӣ низ дар амри кумаку ёрӣ ба кори муҳаррирӣ ниҳоят чашмрас аст, зеро маҳз тавассути ҳамин танқиди адабӣ аст, ки асарҳои арзишманд интихобу қимату арҷи онҳо муайян мегарданд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба талаботи низомнома ҷавобгӯ буда, аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, пешниҳодҳо ва феҳрасти осори таҳқиқӣ мавриди истифодаи унвонҷӯ қарорёфта иборат буда, 167 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, тавсифи умумии таҳқиқ – мақсаду вазифаи таҳқиқ, предмет ва объекти таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, усул, сарчашма ва навгонии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳқиқи мавзуъ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия дарҷ гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия - **«Асосҳои назариявӣ ва амалии таҳрири адабӣ»** ном дошта, аз ҳафт фасл иборат мебошад. Боби мазкур фарогири маълумоти муфассал дар атрофи маънои истилоҳии таҳрир, зарурати таҳрир дар ҷомеаи адабӣ, робитаи таҳрир бо илмҳои дигар ва таърихи кӯтоҳи кори муҳаррирӣ мебошад.

Яке аз мавзуе, ки дар боби мазкур ба он диққати хос сурат гирифтааст, масъалаи замон ва таъсири он дар забону баёни асари бадеист. Бо гузашти солҳо ва падид омадани вазъу шароити нав як адиб зимни бознигарии асари хеш онро ниёз ба таҳрир мебинад.

Мусаллам аст, ки баъзе муаллиф пас аз муддате, ки аз нашри осораш мегузарад, бо назардошти маълумотҳои тозаи ба даст оварда тағйирот ё матлаби тозае дар матни асар ворид месозанд. Гузашта аз ин гоҳо чунин мешавад, ки зимни бозхонӣ ва бознигарӣ ҳатто номи бобҳо ва фаслҳои таълифшударо иваз мекунанд. Ҳатто аз нашри баъзе аз ашъораш даст мекашад. Гоҳо нависанда асари худро то ду маротиба таҳрир мекунад, ки фарогири шарҳу эзоҳи зарурӣ ҳам ҳаст.

Унвончӯ дуруст қайд менамояд, ки “нахустин қадами муҳаррир арзёбӣ ё баҳодиҳии дастнависи асар аз нигоҳи фоиданокӣ ё судмандии он аст, яъне вазифаи муҳиме, ки дар аввал бояд муҳаррир иҷро кунад, қарори ӯ дар қабул ё рад намудани асари пешниҳодшуда аст. Муҳаррир бояд бо донишу биниш, шинохти иртиботу алоқа, манфиати хонандагон хулосаи худро барорад, ки асари мавриди назар аз нигоҳи бадеият, мубрамият, эҳтиёҷоти замонӣ шоистаи чоп аст ё не” (саҳ. 20).

Таҳрири дастнависи асар зина ба зина сурат мегирад. Қадами аввал дар ин роҳ хониши пешакии китоб ва тасаввурот дар бораи он ба шумор меравад. Баъд аз он зарур аст, ки асар муфассал мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирад.

Боби дуюми диссертатсия «**Фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ»** унвон дошта, фарогири панҷ фасл мебошад. Дар ҳар фасли диссертатсия ҷанбаи ҷудогонае аз фаъолияти муҳарририи устод С. Айнӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст.

Бояд тазаккур дод, ки хидмати устод Садриддин Айнӣ дар таҳқиқу тадвини адабиёти классикӣ хеле назаррас мебошад. Ҷ. Файзовна ба сифати намуна асари “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Восифиро мавриди арзёбӣ қарор додааст, ки ба назари мо беҳтарин намуна дар фаъолияти муҳарририи устод С. Айнӣ мебошад. Ҳангоми мутолиаи асар ва муқоисаи он бо таҳрири устод С.Айнӣ хонандаи закӣ дармеёбад, ки саҳми устод С.Айнӣ дар таҳрири асар чӣ гуна аст. Устод Садриддин Айнӣ дар муқаддимаи китоби Восифӣ таҳти унвони «Тартиби кори ман дар бораи «Ёддоштҳо»-и Восифӣ» як шарҳи мукаммале навишта, дар он ҷо аз нозукиҳои таҳия, таҳрир ва интишори асари Восифӣ хеле мӯшикофона изҳори назар менамояд.

Дар ин бахш ҳамчунин атрофи пораҳои аз матни асар, ки устод Айнӣ ихтисор кардааст, маълумот дода шудааст. Дар ҳар фасли алоҳидаи боби мазкур аз фаъолияти муҳарририи устод С. Айнӣ иттилои тозае дарёфт кардан мумкин аст. Дар ин боб доир ба фаъолияти муҳарририи устод Садриддин Айнӣ дар манзари танқиди адабӣ ва таҳрири осори худ, таҳрири забони осори

классикон, муносибат бо Абулқосим Лоҳутӣ ва таҳрири осори тарҷумашуда маълумоти назаррас дода шудааст.

Муҳаққиқ бар ин назар аст, ки як бахши кори устод С.Айнӣ бознигарӣ ва таҳрири осорест, ки аз дигар забонҳо ва хосатан аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд. Масъалаи дигаре, ки зимни таҳқиқи таҳрири осори тарҷумашуда наву ҷолиби диққат аст, қайду эзоҳоте мебошад, ки Садриддин Айнӣ дар ҳошияи чоп шуда навиштааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири осори нависандагони тоҷик»** аз чор фасл иборат буда, дар он саҳми устод Садриддин Айнӣ дар таҳрири асарҳои бисёр шоирону нависандагони муосири тоҷик аз қабили Сотим Улуғзода, Пӯлод Толис ва Раҳим Ҷалил мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар боби мазкур унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки “саҳми устод С. Айнӣ дар рушду камоли нависандагии П. Толис низ қобили қайд аст. Айнӣ ба таври мустақим асари ҷудогонаи П. Толисро таҳрир накардааст, вале дар мактуби кушодаи таърихии худ пешниходҳои пураҳамияте намудааст, ки ба таҳрири осори ӯ алоқаманд аст. Вусъату паҳнои фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ, махсусан, зимни омӯзиши қайдҳои ӯ дар ҳошияи романи «Одамони ҷовид»-и Раҳим Ҷалил ҷилвагар мегардад” (саҳ. 154).

Ҳамин тавр, саҳми устод Айнӣ дар тарбияи адибони машҳури тоҷик ба монанди Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, А. Деҳотӣ, Ф. Ниёзӣ, П. Толис, Р. Ҷалил, Ҳ. Карим ва дигарон назаррас мебошад.

Муаллиф ҳарчанд дар интиҳои ҳар боб хулосабарорӣ карда бошад ҳам, боз дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷаҳои назарраси таҳқиқи мавриди назарро дар даҳ банд ҷамъбаст кардааст, ки ин аз нуктасанҷ ва дақиқназар будани ӯ гувоҳӣ медиҳад.

Диссертасияи Ҷамила Файзовна дар мавзуи “Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ” бахшида шудааст, ки унвонҷӯ аз уҳдаи таҳлилу баррасии он ба хубӣ баромадааст. Мавсуф бо такя ба андешаҳои олимону муҳаққиқони соҳа оид ба саҳми устод С.Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ ақидаҳои хешро иброз дошта, хулосаҳои амиқи илмӣ баровардааст, ки дар забоншиносии тоҷик, аз ҷумла вижагиҳои таҳрири асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ аҳаммияти калони илмиро доро мебошад.

**Эродҳо ба диссертатсия**. Диссертатсия дар доираи пажуҳишҳои илмӣ навишта шудааст, бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёди илмӣ доштан, дар он баъзе камбудҳо ҷой доранд, ки ба назари мо рафъи онҳо аз тарафи муаллиф ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ба назари мо дар боби аввали диссертатсия, ки бештар хусусияти назарӣ дорад, доир ба мафҳуми **тасҳеҳ** (ба маънои дуруст кардан, ислоҳ намудани

ғалатҳои навиштаҷот, муродифи аврупоияш вожаи лотинии **корректура** – ислоҳ кардан) ва шахсе, ки бевосита ба ин кор машғул аст, **мусаҳҳеҳ** (муродифи аврупоияш **корректор**) маълумот дода мешуд, беҳтар буд.

2. Хуб мебуд, дар боби аввал доир ба умумият ва фарқияти хусусиятҳои услуби бадеӣ аз дигар услубҳо иттилоъ дода мешуд. Зеро муҳаррир бояд дар назар дошта бошад, ки услуби илмӣ аз дигар услубҳо бо вижагиҳои худ тафовут дорад.
3. Дар бобҳои дуюм ва сеюми диссертатсия таҳлилҳои забонӣ камтар ба назар мерасанд. Хуб мешуд, агар унвонҷӯ қайдҳои устод С. Айниро бештар аз лиҳози забонӣ баррасӣ менамуд.
4. Тавре ки дар боло зикр намудем, доир ба забони осори устод Айнӣ нисбат дигар адибон бештару беҳтар асару мақолаҳо ба нашр расидааст. Аммо миқдори ками адабиёти истифодашуда вобаста ба мавзуъ дар рӯйхати адабиёт ба назар мерасад.
5. Ҳарчанд ки диссертатсия ва автореферати он бо забони адабии илмии хубу хонданӣ иншо гардидааст, дар баъзе аз саҳифаҳо ҷо-ҷо нуқсонҳои имлоиву техникӣ ба назар расид (саҳ. 6, 24, 129, 156, 162 ...). Корбурди духӯрагии истинод ба адабиёти илмӣ ба назар мерасад. Саҳ.13, 23. Дар саҳифаҳои 9 ва 11-ум ихтисора ба кор бурда шудааст, вале зикри онҳо нишон дода нашудааст.

Албатта, ин иштибоҳот сатҳӣ буда, арзиши аслии диссертатсияро кам намесозанд. Диссертатсияи Алиева Ҷамила Файзовна таҳти унвони “Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ” таҳқиқоти илмии баанҷомёфта буда, масъалаҳои пешниҳодшуда дар он ҳалли худро ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Диссертатсияи Алиева Ҷамила Файзовна дар мавзуи “Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ” таҳқиқоти пурра баанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Автореферати диссертасия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф мазмуну мундариҷаи асосии онро инъикос менамоянд.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти қабулшуда, махсусан бандҳои 76, 77, 79 ва 81, ҳамчунин ба талаботи бандҳои 31-37-уми Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби Насруллоев Муҳаммад Нуруллоевич, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва журналистикаи факултети филология ва журналистикаи ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 21 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор"–21 нафар, "зид"–нест, "бетараф"– нест.

Суратҷаласаи кафедра №9 аз 6 - уми апрели соли 2024.

РАИСИ ҶАЛАСА:
мудири кафедраи забоншиносӣ
ва журналистикаи ДБЗХТ ба номи
С.Улуғзода, номзади илми
филология, дотсент — Сафарова Гулчеҳра Файзовна

ЭКСПЕРТ:
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи забоншиносӣ ва журналистикаи
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Насруллоев Муҳаммад Нуруллоевич

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илми филология, муаллими калони
кафедраи забоншиносӣ ва журналистикаи
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Мамадаминова Замира Бахтиевана

Имзоҳои н.и.ф., дотсентон Г.Ф. Сафарова,
М.Н. Насруллоев ва Ш.С. Ҷабборовро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

«26» апрели соли 2024

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6
Тел.: +992 372 32 50 00
Факс: +992 372 32 50 00
Сомона: www.ddzt.tj.
E-mail: ddzt@ddzt.tj